**ТАҚРИЗ**

ба автореферати Насимҷон Ҳамробоев дар мавзӯи «Марҳалаҳои ташаккул ва таҳаввули ҳаракати тарҷума дар асрҳои VIII-XIV», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ, аз рӯи ихтисоси 10.02.14. – Филологияи классикӣ, филологияи арабӣ ва юнонӣ пешниҳод гардидааст

Рисолаи арзишманди адабиётшинос ва олими ҷавон, унвонҷӯи МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров", номзади илми филология, дотсент Н. Ҳамробоев - «Марҳалаҳои ташаккул ва таҳаввули ҳаракати тарҷума дар асрҳои VIII-XIV», ки ҳосили ҷустуҷӯй ва заҳматҳои чандинсолаи муаллиф аст, дар илми таҳқиқу омӯзиши тарҷума, ташаккул ва таҳаввули он боз як равзанаи наве боз намуд.

Аз муҳтавои фусулу абвоби дар автореферати диссертатсия омада маълум мегардад, ки муаллифи диссертатсия бар он муваффақ гардидааст, ки ба ин раванди бисёр пурвусъат ваба андозаи зарурӣ таҳқиқнашудаи адабиёти тоҷикӣ аз дидгоҳи муайян намудани арзишҳои адабии онҳо муносибат намуда, роҷеъ ба раванди тарҷума ва ташаккули он дар марҳалаҳои гуногуни рушди адабиётшиносии тоҷик таҳқиқоти густарда анҷом додааст.

Агар зикри номи муаллифон, кутуби зиёди таҳқиқӣ, номгӯи осори илмии мунташир дар қаламрави тарвиҷи забон ва адаби порсӣ ва берун аз он аз пажуҳиши густардаи соҳиби диссертатсия дарак диҳад, аз тарафи дигар, баёнгари огоҳии комили Н. Ҳамробоев аз сарчашмаҳоест, ки аксаран бори аввал ба муомилоти тозаи илмӣ кашида шудаанд. Муҳаққиқи ҷавон гузашта аз он ки ба омӯзишу баррасии мустақими вазъи тарҷума дар Эрони қабл аз ислом ва заминаҳои пайдоиш ва ривоҷи он даст задааст, дар маҷмӯъ, бо тамоми тадқиқот ва пажӯҳишоти хурду бузурги дар ин замина эҷодгардида ошноӣ пайдо кардааст ва аз дараҷаву мақоми онҳо дар шинохти тарҷума ва марҳалаҳои рушди он огоҳ мебошад.

Боби якуми рисола «Тарҷума ва ташаккули он дар ҳавзаи фарҳангу тамаддуни халқҳои эронӣ» ном дошта, дар заминаи чаҳор фаслу се зерфасли он масоили маънии луғавӣ ва истилоҳии тарҷума, пайдоиш, анвои он, вазъи тарҷума дар Эрони қабл аз ислом, марҳалаҳои рушди ҳаракати тарҷума, назария ва равишҳои тарҷумаи осор, анвои тарҷума ва махсусиятҳои он мавриди баҳс қарор гирифтааст.

Боби дуюми диссертатсия «Марҳалаҳои нахустини ҳаракати тарҷума дар аҳди исломӣ» унвон гирифтааст. Дар фаслҳои ин боб муаллиф перомуни заминаҳои тарҷума дар асрҳои VII-IX, омилҳои рушди наҳзати тарҷума, ҳаракати тарҷума дар даврони хилофати Умавиён ва Аббосиён ва ривоҷи тарҷума, нақши мутарҷимон дар раванди вусъати ҳаракати тарҷума сухан рондааст. Аз натиҷагириҳои муҳаққиқ метавон хулоса кард, ки дар рушду ташаккули наҳзати тарҷума хизмати мутарҷимони эронӣ, ки номи бархе аз онон дар “Ал-феҳрист”-и Ибни Надим низ зикр гардидааст, калон мебошад. Насимҷон Ҳамробоев оид ба тарзу шеваҳои тарҷума изҳори назар карда, оид ба равандҳои густариши тарҷума дар замони халифаҳои алоҳида ва нақши мутарҷимони эрониасл дар ин замина сухан ронда, бо санадҳои фаровон аз таъсирпазирии адабиёти араб аз адабиёти паҳлавӣ маълумот медиҳад.

Боби сеюми рисола «Марҳалаи дуюми таҳаввули ҳаракати тарҷума дар асрҳои X-XIV» ном дорад. Дар фаслҳои якуму дуюми он муаллиф дар мавриди ҳаракати тарҷума дар аҳди Сомониёнинчунин ва Ғазнавиён, омилҳои густариши он сухан карда, оид ба нақши марокизи илмӣ ва амирону вазирони Сомонӣ дар пешрафти ҳаракати тарҷума, инчунин тарҷумаи осори таърихӣ, адабӣ-бадеӣ, илмӣ маълумот медиҳад.

Фасли сеюми боби се марбут ба масоили вазъи тарҷума дар аҳди Элхонони муғул, маъруфтарин мутарҷимони давр ва таълифу ташаккули осори мухталиф мебошад.

Боби чорум ва хотимавии рисола «Анвои осори тарҷумашуда дар асрҳои X-XIV» ном дорад. Ин бахш низ аз ҷолибтарин ва илмитарин боби диссертатсия аст, ки муаллиф зимни он оид ба осори адабию

ахлоқӣ, ҳамосиву қаҳрамонӣ, динию мазҳабӣ, риёзию тиббӣ, тарҷумаю тафсирҳои Қуръон, таълифи луғатномаю фарҳангҳо, осори фалсафӣ, равиш ва усулҳои тарҷума, ҷойгоҳи тарҷума дар асрҳои X-XIV дар моявар сохтани адабиёт тадқиқоти густурда ва пажӯҳиши амикро ба роҳ мемонад.

Насимҷон Ҳамробоев шеваҳои истифодабарии тарҷумаи осорро баён карда, вобаста ба он ҷойгоҳи махсуси тарҷумаро дар ғанӣ гардидани адабиёти халкҳои гуногун нишон додааст. Муаллиф бо корбурди ин усул ва овардани асноди муҳкамасос бешак ба натиҷаҳои ҷолиб даст ёфтааст.

Баррасӣ ва мурур дар паҳнои афторефератги рисолаи арзишманди муҳаққиқи ҷавон Н. Ҳамробоев собит месозад, ки омӯзишу таҳқиқи адабиёти пурғановати гузаштагон ба муомилаи илмӣ ворид намудани асноди кутуби тарҷума метавонад дар бозкушои бисёр укдаҳои链 мармуз ва макшуфи илми адабиётшиносӣ кӯмак намояд. Гузашта аз ин, Н. Ҳамробоев бо анҷом додани чунин як рисолаи бебаҳо барои илми адабиётшиносӣ қимати илмӣ ва адабии тарҷума ва мароҳили ташаккулу таҳаввули онро ба таври дақиқ бозгӯ намуд. Умедворем, ки равзанаи таҳқику пажӯҳиши мазкур бо ибтикори ин ҷавони донишманд дар оянда равишҳои тозатаре касб хоҳад намуд.

Дар канори дастовардҳо дар автореферат баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки ба назари мо таваҷҷуҳи муаллиф бо онҳо барои такмили рисола бетаъсир нахоҳад буд:

1. Дар фишурдаи рисола ҷо-ҷо ғалатҳои техникӣ ба назар расиданд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кори унвонҷӯ аст. Чунончи, таркиби "пеш аз мелод" ба тарзи "п.а.м." оварда шудааст (саҳ. 11); пас аз рақамҳои римӣ дефис гузошта шудааст (саҳ. 44);
2. Ба ҷуз хулосаи умумӣ хуб мебуд, агар хулосаи бобҳо низ дар автореферат оварда мешуданд.
3. Дар китобнома тарзи ягонаи навишти адабиёт риоя нашудааст. Мисол: Ар-Родиёнӣ, ас-Саолибӣ(саҳ. 48)

Вале ин норасоиҳо дар муқоиса бо дастоварду навовариҳои тадқиқотии муаллиф ночиз набуда, қиммати илмӣ, назариявӣ ва амалии диссертатсияро кам намекунанд ва ислоҳпазиранд.

Рисолаи илмии Насимҷон Ҳамробоев тахти унвони «Марҳалаҳои ташаккул ва таҳаввули ҳаракати тарҷума дар асрҳои VIII-XIV» кори анҷомёфта буда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ аст ва муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.02.14. – Филологияи классикӣ, филологияи арабӣ ва юнонӣ мебошад.

**Султонзода Тоҷибой Султонӣ -**
номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
мудири шуъбаи рушди иҷтимоӣ ва робита
бо ҷомеаи дастгоҳи Раиси вилояти Суғд